# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ХОҶАГИДОРӢ ВА ИСТЕҲСОЛОТИ БИОЛОГӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 529; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019 с., № 1592)

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти хоҷагидории биологиро муқаррар намуда, ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, борҷома, тамғагузорӣ ва фурӯши *маҳсулоти тозаи экологӣ* равона карда шудааст **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

*- **хоҷагидории биологӣ** - шакли фаъолияти хоҷагидории кишоварзӣ, ки дар он барои парвариши растаниҳо, нигоҳубини ҳайвоноти кишоварзӣ танҳо моддаҳои гизоии табиӣ ва воситаҳои гайрикимиёвии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасону касалиҳо истифода шуда, он ба нигохдории мувозинати табиӣ, организмҳои зинда ва муҳити зист мусоидат менамояд* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- ***маҳсулоти тозаи экологӣ*** *- маҳсулоти кишоварзӣ, ки мутобиқи талаботи хоҷагидории биологӣ истеҳсол, коркард ва фурӯхта шуда, бо мафҳумҳои дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ истифодашавандаи «биологӣ», «органикӣ» ва «табиӣ» ҳаммаъно мебошад* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- ***истеҳсолоти биологӣ*** *- раванди истехсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ки бе истифодаи моддаҳои сунъии кимиёвӣ (нуриҳои минералӣ, пеститсидҳо, воситаҳои танзимкунандаи инкишофи растанӣ, иловаҳо ба хӯроки ҳайвоноти кишоварзӣ) амалӣ гардида, инчунин сертификатсия ва гардиши маҳсулоти тозаи экологиро дар бар мегирад* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- ***регламенти техникии истеҳсолоти биологӣ*** *- санади меъёрии техникие, ки талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста бо бехатарии маҳсулоти тозаи экологӣ, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- ***стандарти истеҳсолоти биологӣ*** *- қоида, дастур ва ё тавсифҳои ба маҳсулоти тозаи экологӣ дахлдошта* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

**- усулҳои хоҷагидории биологӣ -** усулҳои истеҳсолот, ки дар истеҳсоли *маҳсулоти тозаи экологӣ* истифодаи маводи сунъӣ ва организмҳои генашон тағйирёфтаро истисно менамоянд ва онҳо пурра ба регламентҳои техникӣ ва стандартҳои истеҳсолоти биологӣ мутобиқат мекунанд; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

***- низоми экологӣ*** *- маҷмӯи ягона, устувор, мустақилона инкишофёбанда ва танзимшавандаи ҷузъиёти зинда ва гайризиндаи муҳити зист дар ҳудуди қитъаи муайяни биосферӣ, ки тавассути мубодилаи моддаҳо, энергия ва иттилоот байни ҳам алоқаманд мебошанд* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

**- бозрасӣ -** санҷиши *маҳсулоти тозаи экологӣ* ё низоми муқарраргардидаи назорати маҳсулот, ашёи хоми коркардшуда ва расонидашаванда, маҳсулот дар ҷараёни коркард ва баъд аз тайёр шудан, санҷиши мутобиқати маҳсулот ба талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои истеҳсолоти биологӣ; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**- тамғаи миллии *маҳсулоти тозаи экологӣ*** - навиштаҷоте, ки дар шакли чопӣ ё графикӣ дар рӯи борҷомаи *маҳсулоти тозаи экологӣ* тасвир ёфта, бо мақсади нишон додани ҷойи истеҳсол ва ба талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои муқарраргардида ҷавобгӯй будани ***маҳсулоти тозаи экологӣ*** гузошта мешавад$ **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

*- **Феҳристи давлатии маҳсулоти тозаи экологӣ** - махзани давлатии иттилоотӣ дар бораи маҳсулоти тозаи экологӣ, ки пешбурди он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ амалӣ карда мешавад* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**Моддаи 3. Вазифаҳои Қонуни мазкур**

Вазифаҳои асосии Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд:

- муайян намудани принсипҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;
- тибқи талаботи истеҳсолоти биологӣ муқаррар намудани қоидаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, борҷома, тамғагузорӣ ва фурӯши *маҳсулоти тозаи экологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- муайян намудани татбиқи усулҳои биологии беҳтаргардонии сифати *маҳсулоти тозаи экологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- истифодаи усулҳои биологӣ барои ба даст овардани маҳсулоти сифатан ҷавобгӯи биологӣ;
- рушди бозори *маҳсулоти тозаи экологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- татбиқи низоми истифодаи оқилонаи *маҳсулоти тозаи экологӣ* ва захираҳои табиӣ; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- пешгирии истифодаи ҳар гуна технологияи олудакунанда, моддаҳои сунъии кимиёвӣ дар истеҳсолоти биологӣ;
- ҳифз кардан ва афзун намудани гуногунии намудҳои растаниҳои худрӯй бо роҳи созгории истеҳсолоти биологӣ;
- пешгирии муҳити зист аз олудашавӣ ва риоя кардани мувозинати низоми экологӣ дар рафти истеҳсолоти биологӣ;
- мусоидат кардан ба рушди устувори истеҳсолоти биологӣ, ҳифзи гуногунии генетикии низоми экологӣ бо мақсади нигоҳдории шароити рушди *маҳсулоти тозаи экологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- муҳайё кардани шароити мусоид барои инкишофи истеҳсолоти биологӣ.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ**

Принсипҳои асосии амалӣ намудани хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ:

- риоя кардани мувозинати экологии табиат ва барқарор намудани захираҳои он;
- татбиқи усулҳои самарабахши истифодаи захираҳои табиии барқарорнашаванда *ва нигоҳдории гуногунии биологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- татбиқи механизми истифодаи самараноки замин;
- *таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тозаи экологӣ* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592);**
- истифодаи навъҳои тухмии серҳосили ба маҳал мувофиқ;
- *истифодаи воситаҳои ғайрикимиёвӣ* ба муқобили ҳашароти зараррасон, касалӣ ва алафи бегона; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- истифодаи оқилонаи захираҳои об.

**Моддаи 5. Танзими раванди истеҳсолоти биологӣ**

1. Субъектҳои хоҷагидор сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи истеҳсолоти биологӣ ҳуқуқи фаъолият карданро доранд, ӯҳдадоранд бо мақсади амалӣ гардонидани фаъолияти пешгирифта дар мақомоти ваколатдори давлатӣ расмиёти *бақайдгирии маҳсулоти тозаи экологии* истеҳсолшударо риоя намоянд. (**ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. Фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсолоти биологӣ дар асоси маълумотҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- ном ва суроғаи субъекти хоҷагидор;
- маҳалли воқеъгардидаи қитъаҳо ва биноҳое, ки амалиёти истеҳсолӣ ба роҳ монда мешавад;
- хусусияти амалиёти истеҳсолӣ ва хосияти *маҳсулоти тозаи экологӣ*; (**ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**
- риоя кардани ӯҳдадориҳое, ки аз муқаррароти Қонуни мазкур бармеоянд;
- номи мақоми бозрасӣ ва сертификатсияи *маҳсулоти тозаи экологӣ*. (**ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

## БОБИ 2. САЛОҲИЯТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ХОҶАГИДОРӢ ВА ИСТЕҲСОЛОТИ БИОЛОГӢ

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ мансубанд:

- муайян кардани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;
- қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- муайян кардани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок ва илмию техникӣ;
- мутобиқ намудан ба меъёргирии давлатии хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ**

Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ инҳоянд:

- иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок ва илмию техникӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷиҳати тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани онҳо;

*- пешбурди Феҳристи давлатии маҳсулоти тозаи экологӣ* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- таҳияи қоидаҳои махсуси борҷома ва тамғагузории *маҳсулоти тозаи экологӣ*; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

- амалӣ намудани дигар ваколатҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 3. СЕРТИФИКАТСИЯ ВА ШАРТҲОИ ИСТЕҲСОЛОТИ *МАҲСУЛОТИ ТОЗАИ ЭКОЛОГӢ*
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**Моддаи 8. Сертификатсияи *маҳсулоти тозаи экологӣ***
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

Сертификатсияи *маҳсулоти тозаи экологӣ* дар асоси регламентҳои техникӣ ва стандартҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**Моддаи 9. Шартҳои истеҳсолоти биологӣ**
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

1. Шахси дар истеҳсолоти биологӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда ӯҳдадор аст, шартҳои *истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро*, ки бо регламентҳои техникӣ ва стандартҳои дахлдор муқаррар карда шудаанд, риоя намояд. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. Дар истеҳсолоти биологӣ бояд талаботи зерин риоя карда шаванд:

- татбиқи принсипҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ;

- истифода накардани нуриву *моддаҳои кимиёвӣ ва петсидҳо*, ангезандаҳои сунъии нумӯъ, эмулгатерҳо, ки регламентҳои техникӣ ва стандартҳои муқарраргардида манъ кардаанд; **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

*- истифодаи технологияи парвариши растаниҳо барои нигоҳдорӣ ва ғанигардонии таркиби хок ҷиҳати пешгирии бодлесшавӣ ва шусташавии замин* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**;

- истифодаи тухмӣ ва ё ниҳолу кӯчате, ки бо усулҳои истеҳсолоти биологӣ сабзонида ва парвариш карда шудааст;

- истифода накардани организмҳои генашон тағйирёфта ва ҳосилаи онҳо, ба истиснои воситаҳое, ки дар байторӣ истифода мешаванд;

*- риояи стандартҳои истеҳсолоти биологӣ ҳангоми парвариши ҳайвоноти кишоварзӣ ва тайёр кардани хӯроки чорвою парранда;* (**ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

- истифодаи усулҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ бо мақсади пешгирии бемории чорво, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин усулҳо дар муолиҷаи чорво натиҷае намедиҳанд.

**Моддаи 10. Шартҳои истифодабарии растаниҳои худрӯй ва меваи онҳо дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ**

1. Растаниҳои худрӯй ва меваҳои онҳо, инчунин дигар *набототи худрӯй* бояд тавре ҷамъоварӣ карда шаванд, ки дар натиҷа ба низоми экологӣ зарар нарасад. (**ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. Дар ҳудуди чарогоҳҳо бояд қитъаҳое интихоб карда шаванд, ки растаниҳои худрӯй ва меваи онҳо бо моддаҳои кимиёвӣ коркард нашуда бошанд.

## БОБИ 4. ҚОИДАҲОИ ИСТЕҲСОЛ, КОРКАРД, НИГОҲДОРӢ, ҲАМЛУ НАҚЛ, БОРҶОМА, ТАМҒАГУЗОРӢ ВА ФУРӮШИ *МАҲСУЛОТИ ТОЗАИ ЭКОЛОГӢ*
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**Моддаи 11. Қоидаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, борҷома, тамғагузорӣ ва фурӯши *маҳсулоти тозаи экологӣ***
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

1. *Маҳсулоти тозаи экологӣ бояд аз дигар намуди маҳсулот алоҳида коркард шуда, тамғагузорӣ ва нигоҳ дошта шавад.* Агар *маҳсулоти тозаи экоологӣ* аз дигар маҳсулотҳо ҷудо гузошта ва мувофиқан тамғагузорӣ нашуда бошад, дар якҷоягӣ нигоҳ доштан, ҳамлу нақл ва фурӯши онҳо манъ аст. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. Барои *ҳифзи* муҳити зист ҳангоми коркард, нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақли *маҳсулоти тозаи экологӣ* бояд меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалии санитарию гигиенӣ, регламентҳои техникӣ ва стандартҳои *маҳсулоти тозаи экологӣ* қатъӣ риоя карда шаванд. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

3. Дар хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ бояд шартҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, борҷома, тамғагузорӣ ва фурӯши *маҳсулоти тозаи экологӣ*, ки бо шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои истеҳсолоти биологӣ қатъӣ риоя карда шаванд. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

4. Дар истеҳсолоти биологӣ ҳамчун борҷома бояд мавод, контейнер ё зарфҳои сертификатсияшуда истифода шаванд, ки истеҳсоли технологияҳои муосир бошанд.

5. Маводи борҷома, контейнер ё зарфҳое, ки дар истеҳсолоти биологӣ истифода мешаванд, бояд ба меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалии санитарию гигиенӣ мутобиқат кунанд.

**Моддаи 12. Воридот ва содироти *маҳсулоти тозаи экологӣ***
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

1. Қоидаҳои воридот ва содироти *маҳсулоти тозаи экологӣ* аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. *Маҳсулоти тозаи экологии* воридотӣ бояд дорои сертификате бошад, ки онро мақоми ваколатдори мамлакати воридкунанда оид ба сертификатсия ба чунин маҳсулот додааст. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

**Моддаи 13. Қоидаҳои тамғагузорӣ намудани *маҳсулоти тозаи экологӣ***
**(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

1. *Маҳсулоти тозаи экологӣ* мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғагузорӣ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

2. Тамғаи борҷома ё ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи *маҳсулоти тозаи экологӣ* бояд дорои чунин маълумот бошанд: **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

- ном ва суроғаи истеҳсолкунанда ё корхонаи коркард;
- номи маҳсулот бо зикри усули татбиқшудаи истеҳсолоти биологӣ;
- ном ва рамзи мақоми ваколатдор оид ба бозрасӣ ва сертификатсия;
- шартҳои нигоҳ доштан;
- мӯҳлати коршоямӣ;
- ишора дар бораи тартиби нигоҳ доштани чунин *маҳсулоти тозаи экологӣ* бо дигар маҳсулот. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

3. Дар рӯи борҷома бояд тамғаи миллии *маҳсулоти тозаи экологӣ*, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр ва ба қайд гирифта шуда, мавриди истифода қарор дорад сабт шуда бошад ва дар бораи ба талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои муқарраргардида ҷавобгӯй будани маҳсулоти мазкур ишора карда шавад. **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1592)**

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
22 июли соли 2013,
№ 1001